Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «01» соли 2011 №164 тасдиқ шудааст

**Барномаи**
**рушди роҳнамоии касбӣ**
**дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**барои солҳои 2011-2015**

## I.Муқаддима

Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2015 (минбаъд Барнома) дар асоси моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, №391 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миллии татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006 – 2012», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010, №499 «Дар бораи Консепсияи раҳнамоии касбии хонандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, №373 «Дар бораи Қоидаҳои ташкили низоми тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор» таҳия гардидааст.

Амалияи аксарияти давлатҳо нишон медиҳад, ки системаи хубамалкунандаи таҳсилот ва таълими касбӣ қисмати муҳими рушди иқтисодӣ, пойдории иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ мебошад. Ғайр аз ин, дар марҳилаи имрӯзаи инкишофи ҷомеа, дар шароити талаботи бозори меҳнат, афзоиши бекорӣ, вазъи иҷтимоӣ ва имкониятҳои маҳдуди иқтисодии кишри асосии аҳолӣ ба яке аз омилҳои муҳими паст шудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ мубаддал мегардад.

Дар шароити ба табақаҳо ҷудошавии аҳолӣ, паст шудани сатҳи пайвастагии минтақаҳо ва дастрасии таҳсилоти олии касбӣ ба табақаҳои камбизоат моҳияти иҷтимоии таҳсилоти касбӣ боз ҳам меафзояд.

Қоидаи тақсимоти меҳнат роҳандозии фаъолияти меҳнатии босамари одамонро дар таносубҳои муайян байни соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти моддӣ ва маънавӣ оварда мерасонад. Дар шароити ҳозира тақсимоти меҳнат баробарии байни меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ, саноатӣ ва кишоварзиро талаб мекунад. Тақсимоти касбии меҳнат фарқияти фаъолияти меҳнатиро аз рӯи хусусияти воситаҳои дар он истифодашаванда, таҷриба ва малакаи истеҳсолӣ, дониши умуминазариявӣ ва махсусро мефаҳмонад. Касбу ихтисос шаклҳои мушаххаси тақсимоти касбии меҳнат мебошанд.

Маълум аст, ки касбҳо ба корманд талаботи гуногунро пешниҳод менамояд. Яке аз онҳо сатҳи баланди омодагии таҳсилоти умумӣ ва махсусро талаб мекунад, дигаре сифатҳои махсуси равонӣ, сеюм – нишондодҳои муайяни ҷисмонӣ, чорум – сатҳи баланди донишу малакаҳои амалиро талаб менамояд. Бинобар ин, аксари одамони мутлақо солим аз рӯи хусусиятҳои равонию физиологиашон наметавонанд соҳиби баъзе касбҳо гарданд.

Гуногунии касбу ихтисосҳо аз як тараф, гуногунии малакаю сифатҳои шахсии одамон аз тарафи дигар, сабабҳои объективии муайянкунандаи касбинтихобкунии ҷавонон мебошанд. Дар ин ҳолат нақши асосиро тақсимоти касбии меҳнат соҳиб мегардад. Мавҷудияти он бо зарурати ихтисос гирифтани фард барои иштироки босамари ӯ дар ҷараёни ҷамъиятии меҳнат вобаста аст.

Аксарияти касбу ихтисосҳои мавҷуда объекти касбинтихобкунии шахс мебошанд. Субъекти касбинтихобкунӣ – шахсиятҳои мушаххасе ба ҳисоб мераванд, ки дорои сифатҳои муайян мебошанд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ субъектони касбинтихобкунӣ ҳама сарчашмаҳои захираҳои меҳнатӣ буда метавонанд, аз ҷумла: ҷавононе, ки мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ ва асосиро хатм мекунанд, соҳибхоназанон, шахсони бекор, нафақахӯроне, ки ба меҳнати истеҳсолӣ ҷалб карда мешаванд, инчунин кормандоне, ки дар

натиҷаи барҳам хӯрдани корхона, тағйир додани шакли фаъолияти он аз кор озод мешаванд. Вале субъектҳои асосӣ - ин хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ мебошанд, чунки яке аз вазифаҳои асосии мактабҳо, таъмин намудани рушди ҳамаҷонибаи хонандагон, тарбияи эстетикӣ ва ҷисмонии онҳо, таҳкими саломатӣ, дуруст ба роҳ мондани таълими меҳнат, омодасозии хонандагон ба ҳаёт, интихоби дурусти касб, фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятии онҳо мебошад.

Барои ҳаматарафа кушодани ҷавҳари касбинтихобкунӣ ва ҷузъҳои он, монанди интихоби касб, машварати касбӣ, тарбияи касбӣ, ташхиси касбӣ, бо ҷойи кор таъмин намудан ва мутобиққунии касбӣ диққати махсус додан лозим аст.

Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ (минбаъд Марказ) сиёсати ягонаро дар соҳаи роҳнамоии касбӣ бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ, демографӣ ва ҳолати шуғли аҳолӣ дар ҷумҳурӣ таҳия ва амалӣ менамояд. Марказ барномаҳои ояндадори илмию назариявӣ ва масъалаҳои амалии роҳнамоии касбиро кор карда, ба амалӣ гардонидани сиёсати ягонаи ҷумҳуриявии соҳаи роҳнамоии касбии ҷавонон ва гурӯҳҳои дигари аҳолӣ мусоидат намуда, барои таъмини корҳои методӣ, ахборӣ ва ташкилии сохтори роҳнамоии касбӣ дар ҷумҳурӣ, инкишоф ва самараи баланди он масъул аст.

Барнома дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, арзишҳои суннатию башарӣ, эҳёи дарки худшиносии таърихӣ, ҳуввият ва анъанаҳои миллӣ, дастовардҳои илмию техникӣ ва ғайра таҳия шудааст. Он имконият медиҳад, ки ислоҳоти системаи роҳнамоии касбӣ ва кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба интихоби касб таъмин гардад. Тавассути ин Барнома роҳнамоии касбии шаҳрвандон новобаста аз мансубияти миллӣ, нажодӣ, ирқӣ, динӣ, қавмӣ, ҷинсӣ, забонӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк таъмин мегардад.

## <u>2.Мақсад ва вазифаҳои асосии Барнома</u>

1) Роҳнамоии касбӣ бо мақсадҳои зерин амалӣ гардонида мешавад:

- таъмини кафолати иҷтимоӣ дар интихоби озоди касб, шакли машғулият ва роҳҳои худамалисозии шахсият дар шароити муносибатҳои бозорӣ;
- ноил гаштан ба мувозинати байни шавқу ҳаваси касбии шахсият, хусусиятҳои психофизиологии он ва имкониятҳои бозори меҳнат;
- пешбинии муваффақияти касбӣ дар яке аз соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ;
-мусоидат ба инкишофи бемайлони маҳорати касбии шахсият ҳамчун шарти муҳимтарини қаноатмандии ӯ аз меҳнат ва мақоми шахсии иҷтимоӣ, амалисозии нерӯи фардӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва некӯаҳволии арзанда.

2) Ташаккули роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикситон барои солҳои 2011-2015 тибқи Нақшаи татбиқи он амалӣ карда мешавад (замима мешавад).

### 3. Зарурияти таҳия ва қабули Барнома

3) Вобаста ба шароити нави муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди низоми давлатии роҳнамоии касбӣ яке аз равандҳои асосии тараққиёти инкишофи давлат ба ҳисоб рафта, он тамоми қаламрави ҷумҳуриро дар бар мегирад ва ба ҷавонон имконияти гуногуни хизматрасониро оид ба роҳнамоии касбӣ, таҳияи пояи ҳуқуқии меъёрҳои татбиқи он, тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисонро таъмин менамояд.

Заруратӣ таҳияи ва қабули Барнома маҳз аз ҳамин муқаррарот сарчашма мегирад ва интихоби дурусти касбро дар асоси истеъдоди табиӣ, қобилияти инфиродӣ, талаботу имконият, омӯзиши асосҳои илм ва фанҳои интихоби касб, интихоби муассисаҳои таълимӣ, дигар шаклҳои тайёрии касбӣ ҳамчунин барои бо кор таъмин намуданд ва мутобиқшавӣ ба фаъолияти иҷтимоию касбии кормандон мусоидат мекунад.

4) Чорабиниҳои роҳнамоии касбӣ, ки яке аз қисматҳои фарҳанги умумибашарӣ буда, дар шакли ғамхории ҷамъият барои ташаккули касбии насли наврас, дастгирӣ ва инкишофи

истеъдодҳои табиӣ, инчунин гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳои махсуси психологию педагогӣ, психофизиологӣ, тиббӣ ва давлатии мусоидат ба шахс дар худмуайянкунии касбӣ ва интихоби мувофиқтарини касб бо дарназардошти шавқу ҳавас, майлу рағбат, қобилият, ҳолати иҷтимоию иқтисодии бозори меҳнат ва талаботи ҷамъият ба касбҳо зоҳир мегардад, эътибори махсус дода мешавад.

5) Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барнома дар давоми солҳои 2011-2015:

-мунтазам машваратҳои касбӣ, тадқиқотҳои сотсиологӣ ва равонӣ тибқи талаботи бозори меҳнат гузаронида мешавад. Дар ин давра таҳияи нақшаю пурсишномаҳои машваратӣ мутобиқи стандартҳои касбӣ бо ҷалби мутахассисон, инчунин таҳия ва татбиқи механизми иштирок корфармоён дар рушди роҳнамоии касбӣ, ташаккули мӯҳтавои машваратҳои касбӣ, ҷорӣ намудани технологияи нав ва усулҳои машварати касбӣ аз тариқи компютер, таҳкими системаи роҳнамоии касбии ҷавонон, наврасон ва калонсолон, таҳкими нерӯи ташкилӣ ва кадрии назоратии давлатии Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, ташаккули сифати тайёрии касбии хатмкунандагон бо роҳи гузаронидани машваратҳои инфиродӣ, таҳияи ташкили системаи ҳамкории методӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва ғайра дар назар аст.

## 4.Таъмини молиявии Барнома ва назорати иҷрои он

6) Маблағгузории чорабиниҳои Барнома дар доираи хароҷоти тасдиқгардидаи вазорату идораҳо аз буҷети давлатӣ пешбинӣ карда мешавад. Ҳамчунин интизор меравад, ки барои татбиқи Барномаи мазкур маблағҳо, аз ҷумла грантҳо, маблағгузориҳои ихтиёрии ташкилоту созмонҳо истифода карда мешаванд.

Дар асоси шартнома байни муассисаҳои таълимӣ, кордиҳандагон ва хонандагон, новобаста аз манбаъҳои маблағгузаронӣ, тайёр намудани мутахассисон пешбинӣ шудааст. Ҷалби маблағҳои корфармоён ва дигар маблағҳои хайриявӣ бо роҳи бастани шартномаҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Мӯхлати иҷрои Барнома солҳои 2011-2015 муайян карда шудааст.

## 5. Натиҷаҳои чашмдошт

7) Татбиқи Барномаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки ташкили таъминоти иҷтимоиву иқтисодии самти роҳнамоии касбӣ ва аҳамияти ҷамъиятиву давлатии онро дар марҳилаи имрӯза фаро гирад ва сиёсати ягонаи давлатиро дар ин самт амалӣ гардонад. Ҳамчунин татбиқи Барнома имконият медиҳад, ки мазмуни тарбияи меҳнатӣ, интихоби касб ва роҳнамоии касбии ҷавонон мувофиқи талаби бозори меҳнат тағйир дода шуда, бо усулу тарзҳои истифодаи технологияи муосир, ки барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси рақобатпазир ба бозори меҳнат мусоидат менамояд, шиносоӣ пайдо кунанд.

Нақшаи татбиқи Барномаи
рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Масъул |
|---|---|---|---|
| | **1. Мундариҷа ва ташкили раванди кори роҳнамоии касбӣ** | | |
| **1.** | Гузаронидани машварати касбӣ, тадқиқоти сотсиологӣ ва равонӣ мувофиқи талаботи бозори меҳнат ба ҳама намудҳои касб ва ихтисосҳои коргарӣ | Мунтазам 2011-2015 | Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **2.** | Таҳияи нақшаю пурсишномаҳои нави машваратӣ мутобиқи стандартҳои касбӣ (ҷалби мутахассисон) | 2011-2013 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **3.** | Гузаронидани машваратҳои касбӣ (инфиродӣ, гурӯҳӣ) ва равонӣ (психологӣ) | 2011-2013 | Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **4.** | Таҳия ва татбиқи механизми иштироки корфармоён дар ташаккули мӯҳтавои машваратҳои касбӣ (ташкили воҳӯриҳои гуногун, таҳия ва нашри тавзеҳномаҳо) | 2011-2012 | Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **5.** | Ҷорӣ намудани технология ва усулҳои нави машварати касбӣ, ба воситаи компютер гузаронидани тест-машваратҳо | Мунтазам 2011-2014 | Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, |
| **6.** | Такмил ва таҳкими системаи роҳнамоии касбии ҷавонон, наврасон ва калонсолон (таҳия ва нашри маводҳои таблиғотӣ) | 2011-2015 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **7.** | Ташкил ва таҳкими шӯъбаҳои мустақили Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ дар минтақаҳо | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **8.** | Таҳкими нерӯи ташкилӣ ва кадрии назорати давлатии Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **9.** | Ташаккули системаи маҷмӯавии арзёбии сифати тайёрии касбии хатмкунанадагон бо роҳи гузаронидани машваратҳои гурӯҳию инфиродӣ, пурсишҳо (психологӣ, сотсиологӣ) | 2011-2015 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **10.** | Таҳияи тестҳо барои гузаронидани машваратҳои касбӣ, равонӣ, тадқиқоти сотсиологӣ, ташкили фонди тестҳо (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо, мизи мудаввар, воҳӯриҳо) | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **11.** | Ташаккули рушди дастурҳо оид ба машваратҳои гуногуни касбӣ (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо, воҳӯриҳо) | 2011-2013 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **12.** | Таҳияи маводи методӣ доир ба роҳнамоии касбӣ дар интихоби бошууронаи касб ва дигар усулҳои | 2011-2014 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | интихоби касбҳои ҷаҳонӣ (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо, вохӯриҳо) | | иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **13.** | Ташаккул ва татбиқи Барномаи инкишофи интихоби касб дар соҳаи роҳнамоии касбӣ (ҷалби мутахассисон, ташкили семинарҳо, вохӯриҳо) | 2011-2012 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **14.** | Таъмини ташкилию методии фаъолияти Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо тавассути воситаҳои ахбори омма (дар телевизион, радио, рӯзномаҳо), ташкили семинарҳо, вохӯриҳо | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| II.Сохтори касбию тахассусӣ | | | |
| **15.** | Ташкил ва гузаронидани мизи мудаввар, вохӯриҳо бо одамони касбу корашон гуногун оид ба рушди роҳнамоии касбӣ. | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **16.** | Ташкили системаи ҳамкории методӣ дар муассисаҳои таълимӣ оид ба таҷҳизонидани утоқҳои «Интихоби касб» ва воситаҳои техникии ҳозиразамон. | 2011-2014 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **17.** | Ташкили ҳамкории муштарак дар ҷалб намудани наврасони беназоратмонда ба мактабҳои махсуси ҷумҳуриявӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **18.** | Таҳияи нақшаю барномаҳои нави семинарҳо, машварат – семинарҳо мутобиқи стандартҳои касбӣ. | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **19.** | Ташкил ва ҳамкории муштарак дар гузаронидани «Ҳафтаи интихоби касб» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **20.** | Ҳамкории муштарак дар ташкил ва гузаронидани рӯзи «Дарҳои кушод» дар муассисаҳои таълимӣ. | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **21.** | Таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба таъмини дастгирӣ ва рушди роҳнамоии касбии минтақавӣ ва вилоятӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **22.** | Дастгирии рушди литсейҳои касбӣ ҳамчун муассисаҳои инноватсионӣ, гузаронидани машваратҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ, равонӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **23.** | Таҳкими ташкилӣ ва кадрии Марказ | 2011-2015 | Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **24.** | Гузаронидани машваратҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ ва равонӣ бо марказҳои «Насли наврас» | 2011-2015 | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **25.** | Таҳияи самтҳои афзалиятноки тадқиқоти сотсиологӣ ва равонӣ дар соҳаи роҳнамоии касбӣ (ҷалби мутахассисон, ташкили вохӯриҳо, семинарҳо) | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **26.** | Гузаронидани конференсияҳо ва семинарҳои илмию машваратӣ оид ба мавзӯъҳои мубрами интихоби касбии бозори меҳнат дар соҳаи роҳнамоии касбӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **27.** | Харидорӣ намудани таҷҳизоти техникӣ, техникаи компютерӣ дар рушди системаи роҳнамоии касбӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **28.** | Ташкил ва татбиқи механизми ташаккули захираи кадрҳои роҳбарикунанда тибқи нуқтаи назари машваратчиёни роҳнамоии касбӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **29.** | Гузаронидани машваратҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ ва равонӣ бо маъюбон ва тарбиятгирандагони интернатҳо | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **30.** | Гузаронидани машваратҳои касбӣ ва додани тавсия ба шунавандагоне, ки ба марказҳои системаи таълими калонсолон муроҷиат мекунанд | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **31.** | Мусоидат ба инкишофи системаи бокортаъминкунии хатмкунандагон, корҷӯён бо роҳи гузаронидани машваратҳои инфиродии касбӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **32.** | Таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки ба рушди фаъолияти Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ мусоидат мекунанд | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **33.** | Ташаккул додани маҳзани маълумот дар бораи Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **34.** | Ташкили инъикоси мунтазами фаъолияти соҳаи Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ тавассути воситаҳои ахбори омма | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ, Кумитаи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **35.** | Тарбияи кадрҳо оид ба назорат ва таъмини сифатии Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **36.** | Таъминоти ташкилии методӣ ва гузаронидани машваратҳои равонӣ доир ба интихоби касб бо душвортарбиягирандагон | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **37.** | Таҳкими ташкили шакли электронии машваратҳои касбӣ, равонӣ, сотсиологӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **38.** | Таълифи дастурҳо, тавсияҳои методӣ, тавзеҳномаҳо оид ба ташкилу гузаронидани кори касбинтихобкунӣ дар муассисаҳои таълимӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| | **III. Ҳамкории байналмилалӣ** | | |
| **39.** | Иштирок дар чорабиниҳо оид ба ташаккули фазои ягонаи роҳнамоии касбӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **40.** | Ташаккул ва татбиқи лоиҳаи байналмилалӣ ва барномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи роҳнамоии касбӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **41.** | Ташкили таҷрибаомӯзии кормандони соҳаи роҳнамоии касбӣ дар мамлакатҳо – шарикони хориҷӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **42.** | Иштирок дар конференсияҳо, симпозиумҳо, семинарҳо, намоишҳо ва дигар чорабиниҳои байналмилалӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **43.** | Ташкил намудани махзани иттилоотӣ дар бораи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи роҳнамоии касбӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| | IV. Рушди заминаи қонунгузорӣ | | |
| **44.** | Таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи роҳнамоии касбӣ | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ |
| **45.** | Таҳияи лоиҳаҳо ва интишору дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда | 2011-2015 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР
Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 1 апрели соли 2011 № 164
ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи
рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии
Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1) Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 тасдиқ карда шавад. (замима мегардад).

2) Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор иҷрои саривақтии Барномаи мазкурро таъмин ва аз ҷараёни иҷрои он ҳар нимсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР
Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

от 1 апреля 2011 года № 164
ш. Душанбе

Об утверждение Программы развития
Профессиональной ориентации в
Республике Таджикистан на 2011-2015 годы

В соответствии со статьёй 13 Закона Республике Таджикистан «О содействии занятости населения» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1) Утвердить Программу развития професиаональной ориентации в Республике Таджикистан на 2011-2015 годы (прилагается).

2) Министерству труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан совместно с соответствующими министерствами и ведомствами обеспечить своевременное выполнение данной Програмы и каждое полугодие представлять в Правительство Республики Таджикистан подробную информацию о ходе её реализации.

Председатель
Првительства Республики
Таджикистан Эмомали Раҳмон